Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст.**

Дар раванди рушди ҳама гуна илм кашфиётҳои гуногун ба амал меоянд, техналогия ва ғояҳои нав пайдо шуда, онҳо ба ҳаёти ҳамаррӯза ворид карда мешаванд. Дар марҳалаи муосири инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ низ дигаргуниҳое ба амал меоянд, ки бо объектҳои таҳқиқоти илмҳои дигар (психология, ҷомеашиносӣ ва ғайра) алоқаи ногусастанӣ дорад.

Масъалаи, ки диссертант Мирзозода Ш.Ҷ. мавриди таҳқиқоти илмии хеш қарор додааст, яке аз масъалаҳои калидии ҳам илми ҳуқуқшиносӣ ва ҳам илми психологи ҳуқуқро дар худ фарогир мебошад.

Дар замони пуртазоди сиёсии ҷомеаи муосир, ки тағирёбандагиҳои куллию ҷузъӣ бо суръати тез рух дода истодаанд, масъалаи маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон аз он дар канор буда наметавонад, зеро "маром" шахсро ба машғул шудан ба фаъолиятӣ қонунӣ ва ғайриқонунӣ ташвиқ мекунад.

Ҳамзамон, мебояд ишора намуд, ки масъалҳои маромнокии рафтори шахсро илми психология низ фаъолона меомӯзад ва маромнокиро шарҳи омилҳои дохилӣ ё ҳолати равонӣ ва муносибати шахс ба он чизе, ки бояд анҷом дод ё ба даст овард, ҳамчун ҳадафи рафтор таъриф медиҳад. Дар нимаи солҳои 90–уми асри XX нуқтаи

назаре, ки мувофиқи он маром таъсири мутақобилаи субъективӣ ба шумор меравад, бараъло ҳукмфармо буд.

Дар боби якум тафовути мафҳумҳои “инсон” ва дигар мафҳумҳои дар илм истифодашванда, аз қабили “фард” дуруст ишора гардидаанд. Масалан, дар автореферат категорияи инсон ҳамчун мафҳуме, ки падидаи одамро пурратар инъикос менамояд ва фард бошад, бо як унсури иҷтимоию маънавӣ алоқамандӣ дорад, тавсиф гардидааст.

Муҳаққиқони соҳаи психологияи ҳуқуқӣ бар ин назаранд, ки рафтори шахсро эҳтиёҷот, инчунин дигар ҷанбаҳои субъективию объективии вобаста ба қонеъгардонии онҳо муайян мекунанд. Бо ибораи дигар, психологияи ҳуқуқӣ мароми рафторро ҳамчун хоҳиши ботинии шахс ба содир кардани кирдор ва сабаби амал таъриф медиҳад. Аз нуқтаи назари илми ҳуқуқӣ бошад, маром муносибати субъективии шахсро ба амал ва оқибатҳои он муайян мекунад.

Ҳамзамон, аз ҷониби диссертант пешниҳоди ҷолибе карда шудааст, ки рафтори инсон ба мусбат ва манфи ҷудо карда шавад. Рафтори мусбати ҳуқуқӣ рафторест, ки барои ҷомеа манфиатнок аст ва аз татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо иборат буда, ба вай итоаткории ҳуқуқӣ хос аст. Рафтори манфӣ бошад, дар навбати худ бо беэътиноӣ ба қонун ва қобили қабул будани ҷиноят шарҳ дода мешавад.

Масъалаи маромнокии рафтори инсон аз нигоҳи психологӣ ва психологияи ҳуқуқи шарҳ ва таъриф дода шудааст. Ҳамзамон, олимону муҳаққиқони хориҷию ватании психологияи ҳуқуқӣ, ки ба масъалаи мазкур рӯ овардаанду тадқиқотҳои лозимаро анҷом додаанд, аз осорҳои илмии онҳо ишораҳои калидӣ карда шудааст. Ишораи мазкур далолати он аст, ки диссертант дар раванди рисолаи илмии хеш бо истифода аз асарҳои олимони ватанию хориҷии самти психологияи ҳуқуқӣ низ истифода намудааст.

Дар баробари арзишҳои муҳими илмию амалӣ доштани тадқиқот, дар автореферати диссертатсия бархе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд:

- мавҷудияти баъзе хатогиҳои техникию имлогӣ дар автореферати диссертатсия;
- агар ягон методҳои илмии психологияи ҳуқуқӣ истифода мешуд, аз манфиат холӣ набуд.

Камбудиҳои ҷузъии ишорагардида, мазмуну моҳият ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Хулоса,** автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷумъа дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» таҳқиқи пурраи илмӣ маҳсуб рафта, ба талаботи бандҳои 31 ва 33 тартиби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01.- «Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат» мебошад.

Муқарриз:
Мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии ДТИОМТОК назди ДМТ, доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси психология — Латифзода С.З.

Имзои С.З. Латифзодаро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои ДТИОМТОК назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Сафарова М.

Суроға:
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

07.10.2024